# Баргузор намудани семинарҳои сайёр дар ноҳияҳои Панҷу Фарҳори вилояти Хатлон

Submitted by Ҳайати тадорукот on 4 August, 2022 - 12:25
[1]

Гурӯҳи кории Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва рафти амалишавии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ»-ро дар фаъолияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Панҷу Фарҳори вилояти Хатлон ва ташкилоту муассисаҳои ҳудуди он аз 24-ум то 29-уми июли соли 2022 мавриди санҷиш қарор дод.
Инчунин, гурӯҳи кории Кумита дар ҳайати мудири бахши экспертизаи забоншиносӣ – Давлатшоева М. ва сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқӣ – Буриева Ш. аз санҷиш натиҷагирӣ намуда, бобати мухтавои банди 47-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» доир кардани семинарҳои сайёр оид ба тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва миёни ақаллиятҳои миллӣ ва банди 39-и Нақшаи чорабиниҳо бобати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар машварати корӣ бо фаъолони вилояти Хатлон 24-уми феврали соли 2022 баён доштанд, семинари омӯзишӣ баргузор намуданд.
Дар рафти семинари мазкур аз ҷониби гурӯҳи кории Кумита риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба забони давлатӣ ба кормандони муассисаҳои зикршуда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, барои фаъолияти минбаъда тавсияҳо дода шуд.

**Content rating:** 5

Average: 5 (8 votes)

Rate

## Category:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- Забони тоҷикӣ [4]

- 

-

- 

- 

**Source URL:**http://www.istilohot.tj/en/node/6861?mini=2025-03

**Links**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1_6.jpg [2] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/28 [3] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [4] http://www.istilohot.tj/en/taxonomy/term/38 [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1_13.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2_13.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/3_14.jpg [8] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/4_11.jpg [9] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/5_9.jpg